**Тақриз**

**ба диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Нақши фарҳанги миллӣ дар ташаккули забони миллӣ хеле барҷаста мебошад ва ин боис гардидааст, ки таҳқиқоти хусусиятҳои фарҳангии забон ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ мубаддал ёбад. Мусаллам аст, ки бунёди пажӯҳиши илмии забоншиносии фарҳангиро забон ва муносибати он ба фарҳанг, ҳамбастагии ҷанбаҳои забонӣ, этнофарҳангӣ ва этнопсихологӣ дар фаъолияти забон ва таҳаввулу инкишофи он ташкил медиҳад. Забон яке аз қисматҳои фаъоли фарҳанг, яке аз муҳимтарин усулҳои пайдоиш, таҳким ва интиқоли он маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳадафи забоншиносии фарҳангӣ ба вуҷуд овардани тасаввуроти умумӣ доир ба мустақилияти забонҳои миллӣ (этникӣ) ва «тасвири ҷаҳон»-е, ки онҳоро муаррифӣ мекунад, мебошад. Дар робита ба ин доир ба усулҳои таъмин намудани тафоҳуми тарафайни халқҳо дар раванди мубодилаи арзишҳои фарҳангӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ маълумот медиҳад.

Маҳз зарбулмасалу мақол дар инъикоси хусусиятҳои фарҳангӣ нақши арзишманде дорад. Муқоисаи чунин хусусиятҳои фарҳангӣ дар асоси маводи забонҳои гуногунсохт дорои аҳамияти илмӣ буда, масъалаҳои муҳиму актуалие мебошанд, ки дар тамоми забонҳо ба таҳқиқи лингвистӣ ниёз доранд. Тавассути муқоисаи онҳо умумият ва фарқи забонҳои гуногуннизомро бараъло мушоҳида намудан имконпазир аст.

Аз ин рӯ, мавзуъеро, ки докторанти PhD Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна тахти унвони «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) ба ҳайси кори илмӣ интихоб намудааст, ҳамаҷиҳата ҷолиби диққат ва қобили дастгирист.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна аз қисмати муқаддимавӣ, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳимми диссертатсия, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори он муаррифӣ шудаанд.

Дараҷаи муҳим будани мавзуъро муаллифи диссертатсия хеле хуб баён намуда, зикр мекунад, ки "зарбулмасалу мақолҳо нишондиҳандаи муҳимми тафаккури мардумӣ буда, бо хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ робита доранд. Онҳо бо зеҳният, урфу одат, оин, зисту зиндагӣ ва сирати миллӣ вобастаанд. Забон як манзараи хоси ҷаҳонро инъикос намуда, ба шуур ва зеҳнияти дорандаи ӯ мутобиқат мекунад. Оид ба зарбулмасал ва мақолҳои вахонӣ то ҳол таҳқиқоти мукаммале ба анҷом нарасидааст. Хусусан, дар мавриди муқоиса намудани онҳо аз нигоҳи этнолингвистӣ ва забоншиносии фарҳангӣ зарурати таҳқиқоти илмӣ эҳсос мешавад. Маҳз, ҳамин масъалаҳо мубрамӣ ва воқеияти таҳқиқоти мазкурро ба миён овард" (диссертатсия с. 6). Воқеан ҳам, таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ аз назари забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ бар пояи забоншиносии муқоисавӣ кори комилан нав буда, ба забоншиносии тоҷик дар таҳқиқи забонҳои бехати Тоҷикистон, ки моли миллати тоҷиканд, такони наве мебахшад.

То кадом дараҷа таҳқиқ шудани зарбулмасалу мақолҳои забони вахониро муаллифи диссертатсия баррасӣ намуда, дар рафти кор аз муҳаққиқони тоҷик Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Ҳ. Ҳусейнов, М. Фозилов, Ф. Турсунов, О.Ш. Иқболов, Ш.А. Норов, Юнусӣ Аҳтамшо ва С. Алихонова ёдовар мешавад, ки муҳаққиқони мазкур бархе ба тариқи иҷмолӣ дар бораи зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ маълумот дода, қисме аз онҳо кори илмии худро маҳз ба муқоисаи зарбулмасалу мақолҳо бар асоси маводи забонҳои гуногуннизом бахшидаанд. Диссертант Парвоева Н.З. аз корҳои илмии масалшиносони ҷаҳонӣ ба монанди А. Тейлор, И.М. Снегирев, А. А. Потебня, И.В. Дал, Ф.И. Буслаев, О. Широкова, М.А Рибникова, В.П. Фелитсина, С.Г. Гаврин, А.М. Бабкин, А.А. Молотков, В.П. Жуков, В.М. Мокиенко, Н.М. Шанский ва дигарон низ ёдовар шуда, дар рафти кор аз афкори онҳо иқтибос овардааст, ки ин пояи диссертатсияро мустаҳкам менамояд.

Ҳамчунин, ҳамчун мавод истифода бурдани асарҳои шарқшиносони рус И.И. Зарубин, Г. Моргенстерне, С.И. Климчитский, В.С. Соколова, Л.Р. Лоример, Т.Н. Пахалина, А.Л., Грюнберг, И.М. Стеблин-Каменский, Я. Обртелова ва забоншиносони тоҷик Б. Б. Лашкарбеков, А. Саидмамадов, А. Мирбобоев ва С.Қ. Матробиёнро зикр намудааст. Азбаски кори дисератсионӣ аз назари забоншиносии фарҳангӣ, қавмӣ ва муқоисавӣ сурат гирифтааст, бинобар ин, муаллифи диссертатсия доир ба масъалаҳои забоншиносии қавмӣ, фарҳангӣ ва муқоисавӣ ба корҳои илмии муҳаққиқон Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров, Н.Д. Арутюнов, Ю.Д. Апресян, А. Вежбиская, В.Н. Телия, В.В. Воробёв, Ю.С. Степанов, Н.И. Жинкин, С.Г. Тер-Минасова, В. А. Маслова, П. Ҷамшедов, О.О. Муҳаммадҷонов, М. Аламшоев, А. Мирбобоев, С.Қ. Матробиён, М. Иматшоева, М. Броимшоева, М. Бобомуродова ва дигарон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, аз андешаҳои муҳаққиқони болозикр истифода намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқотро асосан бори нахуст таҳқиқ шудани хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони вахонизабон дар муқоиса бо зарбулмасалу мақолҳои мардумони англисзабон ташкил медиҳад, ки дар забоншиносии муқоисавии тоҷик кори нав маҳсуб мeёбад. Зикр кардан бамаврид аст, ки саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ низ маҳз дар ҳамин масъала назаррас аст.

Ҳамчунин, дар қисмати муқаддимавӣ аз ҷониби муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту мавзуъ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот хеле хуб шарҳ дода шудааст.

Истифодаи зарбулмасалу мақолҳои зиёд дар ҳар мавзуъ ва таҳлилу баррасиҳои онҳо дар диссертатсия ба мо имкон медиҳад, ба хулосае оем, ки заминаҳои эмпирикии кори илмии мазкур хеле мукаммал буда, пойгоҳи таҳқиқот бар пояи устуворе истодааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, фарогири мухтавои диссертатсия буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки кори мазкур аллакай дар байни аҳли илм густариш пайдо намудааст.

Муаллифи диссертатсия Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна диссертатсияро дар 3 боб таълиф намуда, боби аввали он «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ» номгузорӣ шудааст. Боби мазкур аз 5 фасл иборат буда,

дар онҳо масъалаҳои назариявии таҳқиқоти зарбулмасалу мақолҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин боб муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки фикру андешаҳои гуногуни муҳаққиқонро дар мавриди зарбулмасалу мақолҳо, хусусан ҳамчун мавзуи таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ қарор гирифтани он, инчунин тафовути зарбулмасал аз мақол, қолабҳои сохторию маъноии зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун сарчашмаи маълумот доир ба фаҳмишу дарки ҷаҳони халқҳои забонашон бехат баён намояд. Дар таҳлилу баррасии ақидаҳои забоншиносон дар ин боб муаллифи диссертатсия кӯшиши зиёд намуда, дар мавридҳои зарурӣ андешаҳои худро иброз намудааст. Аз ҷумла, диссертант қайд мекунад: «Ба ҳар сурат, боиси ёдоварист, ки зарбулмасалу мақолҳои халқҳои забонашон гуногуннизом дар шароитҳои гуногуни таърихӣ эҷод гардидаанд. Аз ҷумла, дар зарбулмасалу мақолҳои англисзабонон ва тоҷикони вахонизабон, ки соҳиби забонҳои гуногуннизоманд ва аз назари ҳудудӣ (ҷуғрофӣ) дар минтақаҳои гуногун ҷойгиранд, барои ифодаи ҳамон як маъно ва ё мақсади якхела бештар шаклҳои гуногунеро ба кор бурдаанд, ки ин дар навбати худ гуногунии ҳаёти иҷтимоӣ ва маишии ду халқро инъикос мекунад» (диссертатсия с. 38).

Боби аввалро муаллифи диссертатсия бо 6 банд хулосаи асосноккардашуда ҷамъбаст намуда, аз ҷумла зикр мекунад, ки «чунин навъи пажӯҳиш имкон медиҳад, на танҳо забон ва воҳидҳои он муқоиса карда шавад, балки забон бо тамоми унсурҳои фарҳангӣ, расму оин, анъана ва эътиқодоти ин ё он қавм мавриди таҳлил қарор гирифта, аз ҳама муҳим, чӣ гуна тасвир шудани биниш ва фаҳмишу дарки муҳити атрофро дар забон инъикос мекунад» (диссертатсия с. 51).

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» ном дорад. Боби мазкур аз 6 фасл ва зерфаслҳо иборат буда, дар онҳо муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои амалӣ таваҷҷуҳ намудааст. Хусусан, дар зарбулмасалу мақолҳо арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда, таҷассуми анъанаҳои миллӣ, махсусиятҳои миллии тоҷикони вахонизабон ва баъзе вижагиҳои ҳувияти миллии мардуми англисзабон, муносибатҳои оилавию хешутаборӣ, муносибати инсон ба меҳнат ва анъанаҳои меҳмоннавозӣ, ифодаи эҳсоси тарсу ваҳм ва марг мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Фасли аввали боби дувум бо номи «Инъикоси арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда дар зарбулмасалу мақолҳо» зикр шуда, дар он муаллифи диссертатсия чанде аз арзишҳои ахлоқиро дар мисоли зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, диссертант Парвоева Н.З. ба масъалаҳои хушбинӣ, дурусткорӣ, ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ, худдорӣ, хотирбинӣ ва боодобӣ, фанду фиреб, дурӯғгӯӣ, бераҳмӣ, худпарастиву худхоҳӣ, бетарбиятӣ, мумсикӣ, некӣ ва накукорӣ, беэҳтиромӣ, тарзи сухангӯӣ ва муошират, нақши ақл дар зарбулмасалу мақолҳо ва монанди инҳо диққат дода, онҳоро бо овардани мисолҳо аз зарбулмасалу мақолҳо асоснок намудааст. Таҳлили муқоисавии гурӯҳҳои мавзуии мушаххаси зарбулмасалу мақолҳо ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки афзалиятҳои ахлоқии онҳоро баръало нишон диҳад. Масалан, дар мавриди сухандонӣ ва бадгуфторӣ дар диссертатсия чунин мисолҳо оварда шудаанд: «вах. **tqi gap xurər vыr** [гапи бисёр ба хар бор]; вах. **kəž zaxm naṣ̌tət, zar gap nəy** [*муодил.* захми шамшер мераваду захми забон не]; вах. **šak gap tiz rəṣ̌t** [гапи бад зуд паҳн мешавад]; англ. **an honest tale speed best, being plainly told** [*маъно.* сухани доно дилафрӯз аст]; англ. **better to do well, then to say well** [*таҳтул.* кори нек аз гуфтори нек беҳтар аст]; англ. **fair words break no bones** [*таҳтул.* сухан оинаи марди сухангӯст]; англ. **give every man the ear and few the voice** [*маъно.* сухан бисёр дону андаке гӯй]; англ. **he cannot speak well that cannot hold his tongue** [*маъно.* сухангӯй дар анҷуман хор шуд].

Фасли дувуми боби мазкур «Таҷассуми анъанаҳои миллӣ дар зарбулмасалу мақолҳо» ба ду зерфасл ҷудо шуда, дар онҳо махсусиятҳои миллии тоҷикони вахонизабон ва мардуми англисзабон дар зарбулмасалу мақолҳо ба таври ҷудогона мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар фасли мазкур муаллифи диссертатсия аз расму анъанаи мардумони забонашон гуногун ёдовар шуда, дар зарбулмасалу мақолҳо инъикос ёфтани онҳоро зикр намудааст. Аз ҷумла, дар диссертатсия зарбулмасали вахонии «**ṣ̌oni də bar, kla tər koz**» [*таҳтул.* домод дар назди дарвоза, гӯсфанд дар чаро] таҳлил ёфта дар он инъикос ёфтани расму анъанаи тӯйи тоҷикони вахонизабон нишон дода шудааст. Ҳамин гуна мисол зарбулмасали англисии «**an English loves a lord**» [*таҳтул.* Англисҳо лордро (унвони олии давлатӣ дар Англия) дӯст медоранд] оварда шудааст.

Ба ҳамин минвол фаслҳои баъдии боби дувуми диссертатсия вобаста ба мавзуъҳои матраҳшуда аз ҷониби диссертант Парвоева Н.З. хеле дақиқкорона ва бо овардани далелҳои муътамади илмӣ таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» унвон дошта, аз 3 фасл ва зерфаслҳо таркиб ёфтааст.

Дар фасли аввали боби сеюм, ки «Хусусиятҳои семантикии зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъҳои ҳайвонот ва парандаҳо дар забонҳои вахониву англисӣ» номгузорӣ шудааст, хусусиятҳои бо ҳайвонот алоқаманд дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ таҳлил шудаанд. Фасли баъдии боби сеюм мантиқан давоми фасли аввал буда, дар он хусусиятҳои маҷозии зооморфизмҳо дар зарбулмасалу мақолҳо ва таркибу ибораҳои ҷузъи ҳайвонотдошта дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки: «Дар зарбулмасалу мақолҳои оид ба ҳайвонот сухан дар бораи нодонии ин ё он ҳайвон, дар бораи ҳилагарӣ, зӯроварии он рафта, гоҳо рангу шакли он таъкид мешавад. Ин ҷо қаҳрамон ҳар чӣ бештар гоҳ ба хари якраву гоҳ ба гӯсфанди нодон, гоҳ ба гови пуркору мағрур, гоҳ ба шери жаён, гоҳ ба рӯбоҳи маккору гоҳ ба хуки ифлос ва ғайра муқоиса карда мешавад. Ин муқоисаҳо дар асоси аломатҳои воқеӣ ва анъанавии ба ҳайвонот мансуб ва ё ҷиҳати хислату рафтори онҳо сохта шудаанд» (диссертатсия с. 105).

Дар фасли сеюми боби мазкур хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ дар мисоли соматизмҳо таҳлил ва баррасӣ шудааст. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки зарбулмасалу мақолҳоеро, ки дар онҳо соматизмҳо корбурд шудаанд, ҷамъоварӣ намуда, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои миллии онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Диссертатсия бо хулосаи умумӣ ҷамъбаст гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар 8 банд нишон дода шудаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, мухтавои диссертатсияро фарогир мебошад. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи

Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Дар диссертатсияи мазкур дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе норасоиҳо ва камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо низоми муайян дида намешавад. Бархе аз зарбулмасалу мақолҳо, агар таҳтуллафз тарҷума шудаанд, дар қисми дигар танҳо муодили онҳо дода шудааст. Чунин тарзи кор мушкилоти дарки зарбулмасалҳоро ба бор меоварад.
2. Диссертант дар мавриди зарбулмасалҳои англисӣ бештар ба як фарҳанги дузабона такя намудааст, дар ҳоле ки дар дигар фарҳангҳои дузабонаи тоҷикӣ-англисӣ низ зарбулмасалҳо зиёд оварда шудаанд.
3. Дар боби сеюм фаслҳои якум ва дуюм мантиқан давоми якдигаранд, агар муаллифи диссертатсия онҳоро дар як фасл меовард, беҳтар мешуд.
4. Дар баъзе аз саҳифаҳо такрори андешаҳои муаллифи диссертатсия мушоҳида мегарданд (саҳ. 22, 29).
5. Дар диссертатсия бо вуҷуди дақиқкорӣ (саҳ. 45, 49, 55, 67, 89…) ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасанд.

Моҳиятан камбудиҳои зикршуда тавсиявӣ буда, аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ дар сатҳи хеле баланди илмӣ таълиф ёфта, муаллифи он Парвоева Нурчаҳон Зармастовна ҳамчун муҳаққиқи хуб ба камол расидааст.

Ба андешаи инҷониб, мақсаду вазифаҳое, ки дар назди диссертант гузошташуда буд, пурра иҷро гардидаанд. Кори диссертатсионӣ дар самти таҳқиқи муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо аз назари забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ кори сифатан нави илмӣ буда, аҳамияти калони назариявию амалӣ дорад ва барои корҳои минбаъдаи муқоисавӣ намуна маҳсуб меёбад. Маводи онро метавон ҳамчун маводи таълимӣ истифода кард.

Ҳамин тавр, таҳлилу баррасии диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна таҳти унвони «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) ба мо имкон дод ба хулосае биоем, ки

диссертатсия ба талаботи «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Мукарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Парвонахон Ҷамшедов

Имзои профессор Ҷамшедов Парвонахонро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ Муродова М.
«27» 08 соли 2022

Суроға:
734021,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
тел: +(992) 919002053
E-mail: pjam07@mail.ru